«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
Мӯминзода Ш.А. ____________
«__14__» ____октябри____ соли 2025

# ХУЛОСАИ КАФЕДРАИ ҲУҚУҚИ МАДАНӢ ВА МЕҲНАТИИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН

Таҳқиқоти диссертатсионии Шукурзода Фарҳодҷон Манон дар мавзуи «Асосҳои маданӣ-ҳуқуқии фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ: ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва меҳнатии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Шукурзода Фарҳодҷон Манон унвонҷӯи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Шукурзода Ф.М. соли 1992 ба шуъбаи рузонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 1997 аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшиносӣ хатм намудааст.

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Шукурзода Ф.М. ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва меҳнатӣ факултети ҳуқуқшиносии ДДҲБСТ дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон аз 8-уми октябри соли 2019, протоколи №2 тасдиқ шудааст.

Роҳбари илмӣ – Раҷабзода Маҳмадиёр Носир – н.и.ҳ., дотсент

ректори Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт мебошад.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ 12-уми майи соли 2025, №328 аз ҷониби Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дода шудааст.

Диссертатсияи Шукурзода Фарҳодҷон Манон дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва меҳнатӣ факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон 11-уми октябри соли 2025, протоколи №2 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия дода шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсияи Шукурзода Фарҳодҷон Манон дар мавзуи «Асосҳои маданӣ-ҳуқуқии фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», чунин хулоса қабул карда шуд:

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳлилҳои гузаронидашуда аз рӯйи диссертатсияи нишон медиҳанд, ки номи мавзуи диссертатсия ва мазмуни он пурра ба шиносномаи ихтисоси илмии 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ: ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, мутобиқат доранд.

**Робитаи мавзуи диссертатсия бо самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ: ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2021, №7 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқатии шумора ва мазмуни натиҷаҳои илмии чопкардашуда ба мавзуи диссертатсия ва автореферат.** Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар он зоҳир меёбад, ки ақидаҳои асосии аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дошта барои дифоъ пешниҳод гардида, хулосаву мулоҳизоти муаллиф, таклифоти хусусияти амалӣ дошта, таклифоти барои дифоъ баровардашуда, барои такмил додани қонунгузории мадании ҶТ дар

самти асосҳои ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти судҳои ҳакамӣ, аҳамияти назариявӣ дошта метавонанд.

Номбурда муаллифи 13 мақолаи илмӣ мебошад, ки юа таҳлили паҳлуҳои гуногуни асосҳои маданӣ-ҳуқуқии фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудаанд.

Аз теъдоди умумии асарҳои илмӣ, 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯйи чоп омадаанд. Ҳаҷми умумии асарҳои чопшуда зиёда аз 3,75 ҷ.ч. мебошад.

Асарҳои интишоргардида эътимоднок буда, аз мазмуни натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ бар меоянд, инчунин онҳо ба мавзуи диссертатсия ва автореферат мутобиқ мебошанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

**Мавҷудияти санаде, ки татбиқи натиҷаҳои илмӣ ва ё имконияти татбиқи онро тасдиқ мекунад.** Натиҷаҳои илмӣ аз рӯйи таҳқиқоти анҷомёфта барои инкишофи илми ҳуқуқи маданӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон заминагузорӣ менамоянд, ҳамзамон, барои таълимоти ҳуқуқӣ дар зинаҳои таҳсилоти олии касбӣ (бакалавриат, мутахассис ва магистратура) аҳамияти муҳим доранд.

Диссертатсияи Шукурзода Фарҳодҷон Манон «Асосҳои маданӣ-ҳуқуқии фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ: ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мубрам ба ҳисоб рафта, барои илми ҳуқуқи маданӣ аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, пеш аз ҳама, дар хулоса ва пешниҳодҳое зоҳир мегардад, ки муаллиф барои ҳимоя пешниҳод намудааст.

Таҳқиқоти мазкур яке аз аввалин таҳқиқоти мукаммали илмӣ дар

соҳаи ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи мурофиаи маданӣ ва хосатан танзими маданӣ-ҳуқуқии фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар ҷумҳурӣ маҳсуб меёбад. Дар натиҷаи таҳлилу омӯзиши ҳамаҷониба ва амиқи масъалаҳои интихобшуда, муаллифи диссертатсия хулосаҳои илман асоснок ва пешниҳодҳои мушаххасро манзур намудааст, ки барои рушди миньаъдаи илми ҳуқуқшиносӣ ва ҳуқуқи маданӣ, ҳамзамон, такмили низоми қонунгузорӣ дар самти фаъолияти судҳои ҳакамӣ метавонад таконе бахшида бошад. Алалхусус:

1) Воситаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ олатҳо (инструмент)-и дар меъёрҳои ҳуқуқи маданӣ таҷассумёфтае дониста шуда, бо истифода аз онҳо як гурӯҳ амалҳои амалӣ ва ҳуқуқии пайдошуда имкони ҳалли масоили назди субъектони ҳуқуқи маданӣ бавуҷудомада, дар доираи қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаллу фасли хешро меёбанд (ба ин мисол шуда метавонанд қабул ва ё пешниҳоди ашё, пардохт ва қабули маблағҳои пулӣ ва монанди инҳо).

2) Ҷамъи воситаҳои ҳуқуқии ишорашуда вобаста ба соҳаҳои мухталиф тааллуқ доштанамон (хусусӣ-ҳуқуқӣ ва оммавӣ-ҳуқуқӣ) ва ҷамъи ба васоити байнисоҳавӣ тааллуқдошта фарқ карда мешаванд. Ҳар ду гурӯҳи васоити ҳуқуқии ишорагардида бо нишонаҳои мақсаднокӣ, субъективӣ, инчунин ба усулҳои мушаххаси истифодашавӣ ҷудо карда мешаванд. Исботи гуфтаҳои боло шартномаи маданӣ-ҳуқуқӣ буда, вобаста ба нишонаи субъектӣ ба соҳибкорӣ ва ғайрисоҳибкорӣ фарқ карда шуда, ҳамзамон ба нишонаи мушаххаси мақсаднок равона гардидан барои гирифтани фоида низ нишонаи фарққунанда мебошад.

3) Ҳимояи ҳакамии ҳуқуқҳои субъективии маданӣ-ҳуқуқиро дар маҷмуъ, мумкин аст ба низоми истифодагардии воситаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ ва мурофиавӣ-ҳуқуқӣ алоқаманд намуд. Баробари ин, дар асоси воситаҳои маданӣ - ҳуқуқӣ маҷмуи масъалаҳои зерин, ки бо таъмин намудани ҳимояи ҳакамии ҳуқуқҳои субъективии маданӣ - ҳуқуқӣ алоқаманд мебошанд, ҳал карда мешавад: мақсадҳои ташкилӣ, пеш аз ҳама, ташкили судҳои ҳакамӣ ва дигар мақсадҳои таъминотии расмиёти

ҳимояи ҳакамии ҳуқуқҳои субъективии маданӣ-ҳуқуқӣ (речаҳои ҳуқуқии муносибатҳои бо меъёрҳои маданӣ-ҳуқуқӣ танзимшаванда, речаи ҳуқуқии мухторияти ирода, чудо кардани амвол ва масъулияти мустақили молу мулкӣ).

4) Воситаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ бо назардошти функсияҳои соҳаи маданӣ-ҳуқуқӣ, ба танзимнамоӣ ва ҳифзнамоӣ чудо мегардад. Мутаносибан ба воситаҳои ҳуқуқии чун қоида дар мавриди набудани ҳуқуқвайронкунӣ (шартнома ва ғайра) ва воситаҳои ҳуқуқии ҳангоми содиргардии ҳуқуқвайронкунӣ истифода мешавад (рӯёнидани ноустуворона, чарима ва ғайра) истифода бурда мешавад.

5) Зери воситаҳои маданӣ-ҳуқуқии таъмини ҳимояи ҳакамии ҳуқуқҳои субъективии маданӣ-ҳуқуқӣ низоме фаҳмида мешавад, ки байни воситаҳои маданӣ-ҳуқуқии барои ҳалли низоъҳои ҳуқуқӣ нигаронидашуда, мавқеи алоҳидаро ишғол менамояд. Чунин мавқеъгирӣ ба чунин омилҳо вобаста аст: 1) бо соҳаи истифодашавии воситаҳои мазкур низоъҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи амали ҳуқуқӣ - маданӣ; 2) бо нишонаи субъектӣ онҳо танҳо аз тарафи субъектони ҳуқуқии маданӣ истифода мешаванд; 3) бо таъиноти воситаҳои мазкур, олатҳои номбурда дар доираи ҳимояи ҳакамии ҳуқуқҳои субъетивии маданӣ-ҳуқуқӣ, барои таъмини фаъолияти он равона мегардад.

6) Таҳлили муқаррароти Қонуни ҶТ «Дар бораи судҳои ҳакамӣ» нишон медиҳад, ки истилоҳи «суди ҳакамӣ» дар доираи ду маънӣ дарк карда мешавад: 1) истилоҳи «суди ҳакамӣ» ташкилоти институтсионалӣ буда, дар ду шакли гуногун ташкил шуда метавонад: (суди ҳакамии доимоамалкунанда ва барои ҳалли як баҳси мушаххас ташкилгардида); 2) суди ҳакамӣ ҳайати суди ҳакамиро мефаҳмонад, ки барои баррасӣ ва ҳалли баҳси мушаххас интихоб ва ё таъин мегардад. Илова бар ин, дар кадом намуд ҳайати суд амал мекунад (суди ҳакамии доимоамалкунанда ва барои ҳалли як баҳси мушаххас ташкилгардида), барои мақсадҳои таърифи ин сохтор фарқ надорад. Чунин дуализм ба ишорати истилоҳи «суди ҳакамӣ» ва муайян намудани моҳияти суди ҳакамӣ низ таъсир

мерасонад. Суди ҳакамӣ ҳамчун ташкилоти институтсионалӣ ҳатман бояд дорои қобилияти соҳибҳуқуқии умумӣ (мустақил) ва ё махсус (маҳдуд) бошад. Ишораи дар қонун овардашудаи «дар назди ташкилотҳо – шахсони ҳуқуқӣ фаъолият мебарад» ин усули ҳуқуқӣ буда, имконият медиҳад, то махсус будани қобили соҳибҳуқуқии суди ҳакамӣ баён карда шавад, яъне аз рӯйи қонун он дорои қобилияти соҳибҳуқуқии маҳдуд мебошад. Ҳамзамон, аз эҳтимол дур нест, ки суди ҳакамӣ субъекти одии муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ бошад.

7) Суди ҳакамӣ дар доираи салоҳияти худ баҳсҳои аз муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқии бароянддаро ба ҷуз аз масъалаҳои зерин баррасӣ ва ҳал карда метавонад: 1) аз рӯи шикоятҳо нисбати қарор ва дигар амалҳо (беамалӣ, рад кардан аз содир намудани амали иҷрочии судӣ); 2) оид ба муайян намудани фактҳои аҳаммияти ҳуқуқидошта (фактҳои ҳуқуқӣ); 3) оид ба барқарор намудани ҳуқуқ нисбати қоғазҳои қимматноки гумшуда; 4) оид ба муфлисшавӣ; 5) оид ба ҷуброн кардани зарари ба ҳаёт ва саломатии шаҳрванд расонидашуда; 6) оид ба ҳимояи шаъну шараф ва эътибори корӣ; 7) баҳсҳои аз муносибатҳои меросӣ бавуҷудомада; 8) оид ба тартиб ва шартҳои бастани акди никоҳ ва бекор намудани он; 9) аз муносибатҳои шахсӣ ва ғайри молу мулкии байни ҳамсарон, волидон ва кӯдакон, байни дигар аъзои оила; 10) аз муносибатҳо оид ба фарзандхонӣ, васоят ва парасторӣ, қабули фарзанд ба тарбия; 11) аз муносибатҳо оид ба қайди санадҳои ҳолати шаҳрвандӣ; 12) оид ба баҳсҳое, ки қонун баррасиашонро ба тариқи суди ҳакамӣ иҷозат надодааст.

8) Нишонаҳои фарққунандаи ҳуқуқии созишномаи ҳакамӣ ҳамчун шартномаи маданӣ-ҳуқуқӣ муқаррар карда шуд: маълум гардид, ки созишномаи ҳакамӣ ҳамчунин мисли шартномаи ташкилӣ баромад мекунад; зарурати асосии вай – ба амалбарории ҳимояи бевоситаи ҳуқуқҳои субъективии маданӣ-ҳуқуқӣ дар мавриди сар задани низоъҳои ҳуқуқӣ бо роҳи ташкил ва гузаронидани муҳокима ва баррасии судии ҳакамии масъала; одатан аз рӯйи намуди аҳди бо шарти

боздошташаванда баста мешавад; мундарича ва басташавии он аз рӯйи қоидаҳои наздик ба шартнома дар бораи ҳамроҳшавӣ ба амал мебарояд; хусусияти шакли созишномаи ҳакамӣ; хусусияти ҳайати субъектии созишномаи ҳакамӣ; хусусияти беэътибории созишномаи ҳакамӣ; хусусияти ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ аз рӯйи созишномаи ҳакамии басташуда; хусусияти танзими меъёри-ҳуқуқии муносибатҳои шартномавие, ки дар асоси созишномаи ҳакамӣ ба вуҷуд омадаанд.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ: ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мутобиқат мекунад.

Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, 3 боб, 6 зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат мебошад.

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда, интишор гардидааст.

Мазмуни асосии таҳқиқоти анҷомдодашуда дар интишороти зерини унвонҷуё инъикос гардидааст.

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1 - М].** Шукуров Ф.М. Оид ба хусусиятҳои ташкилшавии суди ҳакамӣ [Матн] / Ф.М. Шукуров // Қонунгузорӣ. – 2021. - № 4 (44). октябр – декабр. – С.56-61. ISSN 24-2903

**[2 - М].** Шукуров Ф.М. Баъзе масъалаҳои мафҳум ва табиати ҳуқуқии судҳои ҳакамӣ [Матн] / Ф.М. Шукуров // Ахбори ДДҲБСТ.

Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – 3(88).2021. – С.132-139. ISSN2411-1945

**[3 - М].** Шукуров Ф.М. Назаре ба масъалаи салоҳияти суди ҳакамӣ [Матн] / Ф.М. Шукуров // Маҷаллаи Академии ҳуқуқ. – 4(44).2022. – С.132-139. ISSN2411-1945

**[4-М].** Шукуров Ф.М. Баъзе масъалаҳои граждании-ҳуқуқии созишномаҳои ҳакамӣ: назария ва амалия [Матн] / Ф.М. Шукуров // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2023. - № 1(29). – С.180-189. ISSN 24149217

**[5-М].** Шукуров Ф.М., Раджабзода М.Н. Назаре ба масъалаи беэътибории созишномаи ҳакамӣ [Матн] / Ф.М. Шукуров // Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. - 2024– 2(99). – С.32-38. ISSN 3005-8023.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар дигар нашрияҳои илмӣ чоп шудаанд:**

**[6 - М]** Шукуров Ф.М. Оид ба салоҳияти суди ҳакамӣ [Матн] / Ф.М. Шукуров // Конференсияи илмӣ амалии профессорон, омӯзгорон ва муҳаққиқони ҷавони ДДҲБСТ бахшида ба эълон гаштани солҳои 2022-2026 «Солҳои рушди саноат» ва Рӯзи илми тоҷик (21 – 25 апрели соли 2022). Бахши ҳуқуқшиносӣ II. - С.75 – 80.

**[7 - М]** Шукуров Ф.М. Назаре ба масъалаи воситаҳои ҳуқуқи мадании ҳимояи ҳуқуқҳои субъективии маданӣ [Матн] / Ф.М. Шукуров // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Ҷавонон ва рушди Тоҷикистони соҳибистиқлол» аз 15.05.2024. – Хуҷанд. «Дабир», 2024. – 227 с.

**[8 - М]** Шукуров Ф.М. К вопросу компетенции третейского суда [Матн] / Ф.М. Шукуров // Международная конференция, посвященная памяти «Аубакировские чтения»

**[9- М]** Шукуров Ф.М. Нақши Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаккули судҳои ҳакамӣ [Матн] / Ф.М. Шукуров // Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи “Конститутсияи Ҷумҳурии

Тоҷикистон – заминаи устувори ташаккули маърифати ҳуқуқӣ ва эъмори давлати ҳуқуқбунёд”. - Хуҷанд: Дабир, 2024. – 543 с. - С. 307-316.

**[10 - М]** Шукуров Ф.М. Назаре ба масъалаи воситаҳои ҳуқуқи мадании ҳимояи ҳуқуқҳои субъективии маданӣ [Матн] / Ф.М. Шукуров // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таҳти унвони “Ҷавонон ва рушди Тоҷикистони соҳибистиқлол // Хуҷанд: 2024. - 227с. – С.191-196.

**[11 - М]** Шукуров Ф.М. Танзими ҳуқуқии салоҳияти судҳои ҳакамӣ [Матн] / Ф.М. Шукуров // Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи “Аҳамияти маърифати ҳуқуқӣ дар ҷомеаи муосир” // Хуҷанд. 2025. - 244с. – С.229-233.

**[12-М]** Шукуров Ф.М. Баъзе масъалаҳои салоҳияти судҳои ҳакамӣ дар замони муосир [Матн] / Ф.М. Шукуров // Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ таҳти унвони “Рушди устувор дар соҳаҳои иқтисодиёт, суботи иҷтимоӣ, мувозинати экологӣ ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон” аз 23 апрели соли 2025. – Хуҷанд: Дабир, 2025 – 519 с. – С.156-160.

**[13 - М]** Шукуров Ф.М. Баъзе масъалаҳои фаъолияти суди ҳакамӣ [Матн] / Ф.М. Шукуров / Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии ДДҲБСТ таҳти унвони “Иттилоотонии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ” бахшида ба солҳои рушди иқтисодиёти рақамӣ ва инноватсионӣ, 1 ноябри соли 2025. – Хуҷанд: 2025. -

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи номзадии Шукурзода Фарҳодҷон Манон дар мавзуи «Асосҳои маданӣ-ҳуқуқии фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ: ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ кори таҳқиқотии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Шукурзода Фарҳодҷон Манон дар мавзуи «Асосҳои маданӣ-ҳуқуқии фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ: ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, бо назардошти пешниҳод ва тавсияҳо, барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва меҳнатии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон бо протоколи №2 аз «11» октябри соли 2025 қабул гардидааст.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ - 29 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» - 29 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**Раиси ҷаласа,**
**мудири кафедраи ҳуқуқи маданӣ**
**ва меҳнатии факултети ҳуқуқшиносии**
**ДДҲБСТ, н.и.ҳ., дотсент** **Очилова Ф.А.**

**Котиби ҷаласа,**
**дотсенти кафедраи ҳуқуқи маданӣ**
**ва меҳнатии факултети ҳуқуқшиносии**
**ДДҲБСТ, н.и.ҳ., дотсент** **Болтуева М.Ё.**

**Имзои Очилова Ф.А. ва Болтуева М.Ё-ро тасдиқ мекунам:**

**Сардори Раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДҲБСТ,**
**н.и.х., дотсент** **Бобоев А.Х.**

**“13” 10 с. 2025**

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, 735700, шаҳри Хуҷанд, микроноҳияи 17, бинои 1, Тел:+992 (3422) 2-38-11; Факс:+992 (3422) 2-51-70.
Веб сайт: www.tsulbp.tj. Email: tsulbp@rambler.ru